**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. Душанбе, 2025**

Мусаллам аст, ки маҳз маърифат, илму таҳқиқ ва умуман, касби дониш тавонотарин силоҳ барои инсон аст, зеро илм соҳаи фаъолияти инсон буда, вазифаи он коркард ва мураттабсозии назариявии донишҳои айнӣ оид ба воқеият аст. Дар раванди рушди таърихӣ илм ба неруи истеҳсолкунанда ва ниҳоди муҳимтарини ҷомеа табдил меёбад.

Натиҷагирии воқеии вазъият ва рушди захираҳои неруи илмии низоми муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ё субъекти алоҳидаи он, аз ҷумла, шуроҳои диссертатсионии назди онҳо низ бояд дар заминаи истифода аз усулҳои муосири квалиметрӣ роҳандозӣ гардад. Ин боиси мушаххас намудани ҷанбаҳои сифатию шумории на танҳо фаъолияти шурои ҷудогонаи диссертатсионӣ, балки таҳқиқоти алоҳида ва муҳаққиқи он мегардад. Аз ҷониби дигар, омӯзиши равандҳои объективие, ки дар соҳаи маориф ва илмҳои педагогӣ ба вуқуъ меоянд, барои аз байн бурдани як қатор мушкилоти дорои характери методологӣ, муҳимтар аз ҳама, коркарди дастгоҳи квалиметрии иттилооти гуногунҷанба оид ба натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва воситаҳои ин навъи фаъолият, ошкор намудани тамоюлоти рушди захираҳои неруи илмии низоми илмҳои педагогӣ ва маориф мегардад.

***Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия пешниҳод шудааст***

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло, ки дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» пешниҳод гадидааст, ба яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти квалиметрияи педагогӣ бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат менамояд.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия***

Мавриди зикр аст, ки дар натиҷаи таҳқику таҳлилҳои муҳаққиқони ватанӣ имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ – квалиметрия, ки ба омӯзиши қонуниятҳои рушди илм ҳамчун низоми мукаммал ва шакли махсуси фаъолият машғул аст, ташаккул меёбад. Дар ин росто, ба Раҷабзода Маҳмадулло муяссар гардид, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» моҳияти квалиметрияро дар таҳқиқоти илмҳои педагогӣ ва заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо ин самтро ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, аз аввалинҳо шуда саҳми худро дар ташаккулёбии квалиметрия педагогӣ гузорад.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки солҳои охир дар натиҷаи пажӯҳишҳои илмии муҳаққиқони муосир дар кишвар яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ – квалиметрияи педагогӣ рушд мекунад, ки ба арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар соҳаи педагогика машғул аст. Бинобар ин, муайянсозии вазъи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон, ошкор сохтани мушкилоти мавҷуда ва ба ин васила мушаххас намудани самтҳои мубрами рушди минбаъдаи он бо истифода аз квалиметрия яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, имрӯз муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкурро, инчунин, зарурати воқеӣ ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон, мавҷуд набудани заминаи кофии методологӣ, назариявӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати минбаъд анҷом додани таҳқиқоти босифату самаранок зарурати такмили маҷмуи меъёрҳои расмӣ ва илмӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ, омӯзиш, таҳқиқ ва татбиқи асосҳои методологии таҳқиқи илмии педагогӣ дар раванди пажуҳишҳои диссертатсионӣ оид ба педагогика, ҷорӣ намудани меъёрҳои квалиметрӣ, библиометрӣ ва илмсанҷӣ тақозо менамояд.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.***

Доир ба навгонии илмии таҳқиқот, қайд кардан зарур аст, ки муаллифи диссертатсия нахустин маротиба дар таҳқиқоти илмӣ-педагогии муосир дастовардҳои муҳаққиқони педагогикаи ватанӣ, фаъолияти пажӯҳишгоҳҳоро аз нигоҳи квалиметрӣ ҳаматарафа мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст. Дар раванди таҳлили моҳияти таҳқиқоти дар доираи мавзуи диссертатсионӣ анҷомёфта нуктаҳои нави зеринро пешниҳод намуданд, аз ҷумла: таҳлили илмии раванди ташаккули низоми меъёрҳои арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ; таҳлил, таҳқиқ, мушаххасгардонии масъалаҳои соҳавӣ ва ошкор кардани мушкилоти татбиқ ва рушди квалиметрия дар соҳаи педагогикаи ватанӣ; коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои мушаххаси эмпирикии арзёбии экспертии дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, аз ҷумла матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия; таҳия ва озмоиши амалии методикаи муаллифии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ; ба доираи илмии педагогикаи миллӣ ворид намудани мафҳум ва истилоҳоти муосири илмӣ оид ба квалиметрия.

Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқи диссертатсияи тақризшаванда ба мақсади рушди илмҳои педагогӣ мувофиқи матлаб ва бо назардошти вазъи назариявию методологӣ ва сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба коркарди самтҳои асосии квалиметрияи педагогӣ ҷалб намудан, панҷ нуктаи муҳимми санҷидашударо ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки дар таҳқиқот ба таври васеъ инъикос гардидаанд. (Диссертатсия, с. 16-18)

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда***

Довталаб дар раванди таҳлил ва баррасии мавзуъ эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бо мухолифат надоштани интихоби равишҳои методологӣ, репрезентативӣ будани интихоби матни таҳқиқоти монографӣ, диссертатсияҳо, авторефератҳо ва тақриз ба онҳо, инчунин, гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани истифодаи методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, аз ҷумла таҳлили квалиметрӣ, муайян кардааст. Инчунин, боэътимодии нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, тавассути муқоисаи далелу рӯйдодҳо, машварат ва муҳокимаи ҳамаҷониба бо мутахассисону коршиносони соҳаи педагогика таҳқиқ арзишманд арзёбӣ карда шудааст.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо***

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илмии квалиметрия такмил ёфта, низоми мафҳумии он бо истилоҳоти тозаи илмӣ таъмин ва ҷиҳати рушди минбаъдаи илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод мегардад. Ба аспирантону унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос ва самтҳои таҳқиқоти илмҳои педагогӣ барои ташхиси раванд ва натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо дода шуда, сатҳи заҳматталабии раванди арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ коҳиш дода мешавад.

Маводи таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Муаллиф зимни таҳлили заминаҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди илмҳои педагогӣ дар заминаи шароити мушаххаси сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таҳқиқи масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, ошкор намудани сабабҳо, омилҳо ва пайомадҳои дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтани дастовардҳои педагогикаи муосири миллӣ, муайянсозии меъёрҳои арзёбии таҳқиқоти педагогӣ 14 тавсияҳо муҳимро пешниҳод намудааст, ки ҷиҳати рушди илмҳои педагогӣ дар оянда мусоидат хоҳад кард. (Диссертатсия, с. 374-378)

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.*** Муаллифи диссертатсия натиҷаи таҳқиқот, нуктаҳои асосӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионии хешро дар 6 монография ва 41 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расонидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, 12 зербоб, хулоса ва тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ,

сатҳи омӯзиши мавзуи мавриди таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, асосҳои эмпирикии он, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, тасвиби натиҷаи кор, саҳми унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзёбии он»** ба масъалаҳои моҳияти таҳқиқоти педагогӣ ҳамчун раванди махсуси ташаккули донишҳо ва шакли фаъолияти маърифатӣ, ки дар тамоми сатҳҳои эмпирикӣ, назариявӣ ва методологӣ гузаронида мешавад, арзёбӣ гардида, таъкид мешавад, ки зимни арзёбии он дар баробари омӯзиши ин сатҳҳо, инчунин, қабл аз ҳама, таҳқиқи методу усулҳои дар ин раванд истифодашуда ва ба масъалаҳои мубрами соҳа рабт доштан ё надоштанро талаб мекунад. Ҳамзамон, арзёбии намуд ва шаклҳои асосии фаъолият дар таҳқиқоти педагогӣ муҳим буда, байни онҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ мақоми аввалиндараҷа дорад.

Дар боби дуюми диссертатсия «**Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон»** ба андешаи диссертант, дар ибтидои асри нав илми педагогика оид ба арзёбӣ ва роҳҳои ноил шудан ба сатҳу сифати қобили қабули таҳқиқоти диссертатсионии педагогӣ ба маҷмуи тасаввуроти назариявӣ соҳиб гардид. Аммо барои арзёбии воқеии таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаррар намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асосӣ нисбат ба сохтор ва муҳлати баргузории таҳқиқот, баланд бардоштани талабот нисбат ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ, ҷорӣ намудани тарзи коллегиалии қабули қарорҳо оид ба арзиши амалии натиҷаҳо дар тамоми сатҳҳои баррасии рисолаҳои илмӣ ва монанди ин ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нагардида буд.

Инчунин зикр гардидааст, ки новобаста ба мушкилоти мавҷуда, вақтҳои охир вазъият дар самти ташкили мақсадноки таҳсилоти фарогир дар мамлакат беҳтар мегардад: беш аз пеш кӯдакони маъюб ба таълим ҷалб карда мешаванд, сифати таҳсилоти онҳо беҳтар мегардад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати кишвар дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо барои кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд дар маҳалҳо ба бунёди мактабҳои махсусгардонидашудаи ислоҳӣ (коррексионӣ), мактаб-интернатҳои санаторӣ, мактаб-интернатҳои ёрирасон (барои кӯдакони ақлан ва ҷисман носолим) шуруъ намудааст.

Диссертант дар боби мазкури диссертатсия, инчунин, педагогикаи ибтикорот, омӯзиш ва таҳқиқи мероси ниёгон, педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, фарҳанги таълими ҳамагонӣ, педагогикаи муқоисавӣ, педагогикаи ҳамгиро, ҷойгоҳи истилоҳоти педагогӣ ва амсоли онро баррасӣ кардааст. Ин имкон медиҳад, ки методология, методҳои интихоб, сохтор, шакл, пайдоиш ва рушди низоми истилоҳот муайян карда шуда, равандҳои ташаккули забони илм ва истилоҳоти забони муосири тоҷик танзим карда шаванд.

Дар боби 3-юми диссертатсия **«Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии диссертасионии дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои** омӯзишу баррасии проблемаҳои ташаккулёбии талаботи

методологӣ ва расмӣ оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ, ташкил ва натиҷаи фаъолияти шуроҳои диссертатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳавӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ дар Тоҷикистон сурат гирифта, қайд гардидааст, ки дар шароити имрӯза таҳқиқи проблемаҳои муосири илмӣ, аз ҷумла, масъалаҳои мубрами педагогиро дар заминаи асосҳои методологӣ ва назариявии даврони шуравӣ ва ҳатто, охири асри XX роҳандозӣ кардан имконнопазир аст. Имрӯз бисёр проблемаҳои назариявии педагогика дар шароити нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷаҳонишавии аксари самтҳои ҳаёти ҷомеа ба омӯзиши ҷиддӣ ниёз доранд.

Таъкид гардидааст, ки таҳлили квалиметрии вазъият ва инкишофи неруи илмии низоми муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, шуроҳои диссертатсионии назди онҳо низ бояд дар заминаи истифода аз усулҳои муосири квалиметрӣ роҳандозӣ гардад. Ин боиси мушаххас намудани ҷанбаҳои сифатию шуморавии на танҳо фаъолияти шурои ҷудогонаи диссертатсионӣ, балки таҳқиқоти алоҳида ва неруи зеҳнии муҳаққиқи он мегардад.

Аз таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои ҳимояшуда бармеояд, ки дар баробари дастовардҳо дар фаъолияти Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон камбудиҳои дигар низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар ин Шуро 14 номгӯйи диссертатсия ё ба андозаи 40 фоизи онҳо ба забони русӣ ҳимоя шудаанд ва ғайра.

Таҳқиқот собит менамояд, ки рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи педагогика бе омӯзиш, аз худ намудан, дарки воқеӣ ва истифодаи асосҳои назариявӣ ва илмӣ-амалии илми педагогика, бидуни ба инобат гирифтани дастовардҳои илмӣ, камбудиву норасоиҳо дар соҳаи мавриди таҳқиқ имконнопазир хоҳад буд.

Боби чоруми диссертатсия **«Дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол»** ба таҳқиқи ҳолат ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда, зимни баррасии он диссертант қайд намудааст, ки муассисаҳои илмӣ ва марказҳои таҳқиқотии кишвар бо дастгирӣ ва ҳидояти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташкили низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ, ҳалли масоили мубрам ва ҳамзамон, мураккаби низоми таҳқиқоту пажӯҳиш марҳила ба марҳила ба дастовардҳои шоистаи зикр муваффақ мегарданд. Аз ҷумла, бо мақсади иштироки фаъолона дар таҳияву татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии дорои тахассуси олӣ, тарҳрезии нақшаҳо ва пешгӯиҳои рушди низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии дорои тахассуси олӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ, таъмини мутобиқати талаботи тахассусӣ ба дараҷа ва унвонҳои илмӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд.

Ба андешаи диссертант, барои рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва мутобиқсозии пажӯҳишҳои илмӣ ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ бояд ба сифати самтҳои асосиву афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ омӯзиши хусусиятҳои сиёсати давлатӣ

дар соҳаи маориф, фалсафаи таҳсилот дар асри иттилоот, равандҳои инноватсионӣ ва демократикунонӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот, таъсири пайомадҳои таҳаввулоти ҷаҳони муосир ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим, татбиқи технологияҳои муосири таълиму тарбия, идома додани таҳқиқи мероси педагогии ниёгони халқи тоҷик, ҷалби таваҷҷуҳи олимони тоҷик ба проблемаҳои педагогикаи муқоисавӣ ва самту равияҳои нави педагогикаи миллӣ-валеология, квалиметрия, библиометрия, менеҷменти илму маориф ва амсоли инро эътироф намоем.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА***

Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот кори илмии квалификатсионии ба анҷомрасида мебошад.

Аз муҳтвои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда, сатҳи омӯзиши мавзуи мавриди таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, асосҳои эмпирикии он, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, тасвиби натиҷаи корро дар сатҳи баланди илмӣ арзёбӣ кардааст.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати диссертатсия, ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия» (қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) мутобиқат мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар баробари дастовардҳои муҳимми илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур камбудиву норасоиҳо мушоҳида мегардад:

1. Дар боби сеюми диссертатсия квалиметрияи таҳқиқотӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шурои диссертатсионии он, таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, квалиметрияи таҳқиқоти Шурои диссертатсионии ватании назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасии унвонҷӯй шудааст, вале квалиметрияи таҳқиқоти дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти педагогии Тоҷикистон (Бохтар, Хуҷанд) аз мадди назари муаллиф андаке дур мондааст.

2. Таҳқиқоти унвонҷӯ дар самти таҳқиқоти квалиметрӣ зарурати пажуҳиши як қатор масъалаҳо ва мавзуъҳои аҳаммияти аввалиндараҷаи педагогидоштаи муассисаҳои таҳқиқотӣ-илмиро (аз ҷумла, Пажухишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомии назди Академияти таҳсилоти Тоҷикистон) дар бар гирифтааст, вале хуб мебуд дар ин самт пешниҳоду таклифҳои муаллиф низ дар диссертатсия оварда мешуд.

3. Дар матни диссертатсия ҷо-ҷо баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 52 (сархати 2), 56 (сархати 2), 66 (сархати 2) ва монанди ин.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда ҳаргиз қимати илмӣ-бунёдӣ ва амалии диссертатсияи уновонҷӯйро халалдор намекунад, зеро таҳқиқоти анҷомдодаи Раҷабзода Маҳмадулло дар самти беҳтар ва хубтар ба роҳ мондани рисолаҳои илмии самти педагогӣ хидмати бузургро ба анҷом мерасонад.

***Хулосаи ҷамъбастӣ***

Хулоса, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» яке самти нав ва мубрами илмӣ-таҳқиқотии дар соҳаи педагогикаи муосир мебошад. Диссертатсия ба забони возеҳи илмӣ навишта шуда, аз ҷиҳати муҳтаво, мақсаду вазифа, аҳаммияти илмию амалӣ, хулосаву тавсияҳои арзишманди илмиро касб кардааст. Автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра дарбар мегирад. Монографияҳо ва мақолаҳои илмии ба табъ расида муҳтавои нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

Имзои Сабурӣ Х.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.
«04» апрели соли 2025

**Маълумот барои тамос:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков-1. Тел.: (992-3422)6-52-73; тел.: +992 92 8057007,
Email: zarrina_14.10.70@mail.ru